Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар замони муосир масъалаи такмили қонунгузории миллӣ оид ба меҳнат ва мутобиқ гардонидани он бо принсип ва меъёрҳои байналмилалии меҳнат мубрам буда, омӯзиши фаннии асос, низом ва оқибатҳои имплементатсия ва дигар шаклҳои изҳороти ризоияти давлатро барои ҳатмӣ будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ тақозо мекунад.

Бо дарназардошти ин матлаб, масъалаи дараҷаи таъсири мута-қобилаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат бо санадҳои меъёрии миллии марбут ба ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо хоҳад кард. Аз рӯи ин нуқта мавзӯе, ки Назаров Д.Қ. мавриди таҳқиқ қарор додааст, яке аз масъалаҳои муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи меҳнат ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии алоҳидае, ки ба мақому нақши санадҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат, танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд бахшида шуда аст, мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст ва рисолаи диссертатсионии Назаров Д.Қ. яке аз таҷрибаҳои нахустин дар ин самт мебошад.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар раванди омода намудани рисолаи худ ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯавии мақом ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи меҳнат дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди пешниҳодҳо ва тавсияҳои вобаста ба таъмини мутобиқати санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалии Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) ва санадҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) қарор додааст.

Мувофиқ ба талаби замон аст, ки муаллиф ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани моддаи нав бо номи «Сарчашмаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд»-ро пешниҳод кардааст. Дигар навоварии пешниҳоднамудаи муаллифро оид ба иваз намудани моддаи 12-и  Кодекси меҳнати ҶТ, ки «Таносуби танзими қонунӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ» унвон дорад, ба «Танзими муттамарказ, маҳаллӣ-ҳуқуқӣ ва шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои бо онҳо алоқаманд» мувофиқи мақсад мешуморем. Дар ин замина дигар пешниҳоди муаллиф, яъне аз эътибор соқит (денонсатсия) намудани конвенсияҳое, ки ба масъалаҳои баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флотӣ вобастагӣ доранд, бо он асос, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон флоти баҳрӣ ва дарёӣ, аз ҷумла флоти моҳидорӣ надорад ва бо сабабҳои объективӣ дошта ҳам наметавонад ва конвенсияҳои мазкур барои Тоҷикистон ҳеҷ гуна манфиати амалӣ надоранд, баҳснок мебошад.

Дар маҷмӯъ, чи гунае, ки аз мутобиқати дохилию мантиқии автореферати баррасишаванда бармеояд, диссертатсияи Назаров Д.Қ. вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботи низом ҷавобгӯ мебошад.

Новобаста аз муввафақиятҳои автореферати рисолаи мазкур, метавон нуқтаҳои манфии онро низ қайд намуд. Бо ин вуҷуд, ки муаллифи автореферати рисола санадҳои универсалии байналмилалӣ (санадҳои СММ

ва СБМ)-ро дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳантӣ таҳлил намудааст, аммо санадҳои аз ҷониби созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла санадҳои ИДМ, СҲШ дар самти танзими байналхалқӣ-ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд қабулгардида қариб, ки таҳлил наёфтаанд. Ҳамчунин, аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар таҳияи диссертатсия аз адабиётҳои илмии ҷадид хело кам истифода бурда шудааст.

Эродҳои дар боло зикршуда аз лиҳози илмӣ баҳспазир буда, ба мукаммалии диссертатсия ва автореферати он таъсири манфӣ намерасонанд. Ин ҷиҳат аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

Автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 - Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), метавонад сазовор бошад.

**МУҚАРРИЗ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сардори идораи ҳуқуқи ҶСК «Ориёнбонк» Шамсиев Х.Р.

Имзои Шамсиев Х.Р.-ро **тасдиқ мекунам.**
Сардори хадамоти кадрии ҶСК «Ориёнбонк» Саидов Т.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК «Ориёнбонк», (734001, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 95/1). **E-mail:** hshamsi@orienbank.tj **Тел:** (37) 221-05-68.